# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-109 НАЗДИ ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.04.2026, №2**

Барои сазовор донистани Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 –Амнияти иқтисодӣ)

Диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) бо қарори шурои диссертатсииионӣ аз 10.02.2026 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ ба ҳимоя қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-109 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А) дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2025, таҳти № 489/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик докторанти фалсафа (PhD) – и Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 21- уми ноябри соли 1995 таваллуд шудааст. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик мебошад.

Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик соли 2013 ба зинаи бакалавриат аз рӯйи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дохил шуда, онро соли 2017 бо баҳои аъло хатм намуд ва худи ҳамон сол ба зинаи мағистратураи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 аз рӯи ихтисоси «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхона» бо дипломи аъло хатм намудааст. Мавсуф аз соли 2019 то соли 2022 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD)-и Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои

ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» таҳқиқоти диссертатсионӣ бурдааст.

Докторанти фалсафа (PhD) баъд аз хатми докторантура дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон имтиҳони маҷмуиро бомуваффақият супорида, дар ҳаҷми 180 кредит барномаи таълимиро азхуд намудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло -** д.и.и., профессор, узви вобастаи АМИТ мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Амонова Дилбар Субҳоновна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Изатуллои Ҳабибзод -** доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051002 – Амнияти иқтисодӣ, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Тағоев Б.Д. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ таҳти суратҷаласаи №7 аз 16.03.2026 муҳокима гардида, аз ҷониби мудири кафедраи мазкур д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р. ва котиби ҷаласа бо имзо ва аз тарафи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. бо имзо ва муҳри муассиса аз 17.03.2026 тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст.

Дар тақризи муассисаи пешбар таъкид шудааст, ки кори диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ шуда, сохтор, таркиб ва мазмуни он дар асоси асосноккунии мукаммали илмӣ-назариявӣ дар сатҳи баланди методологӣ таҳия гардидааст. Кори мазкур ба талаботи муқарраршудаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, инчунин ба меъёрҳои марбут ба омодасозӣ, ташхис ва баррасии диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) пурра мутобиқат менамояд. Бо дарназардошти сатҳи баланди таҳқиқот, мантиқияти сохтор, асоснокии

хулосаҳо ва аҳаммияти амалӣ доштани тавсияҳо, метавон бо итминон ироз намуд, ки диссертатсияи мазкур сазовори баҳои мусбат арзёбӣ гардида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври фарогир инъикос намуда, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро ҳамчун дастовардҳои нави илмӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Дар маҷаллаҳои тақризшаванда:


[1-М]. Ҳакимов, М.А. Асосҳои назариявии ташаккули соҳибкории иҷтимоӣ [Матн] / М.А. Ҳакимов, М.Ч. Буриева // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – С. 73-79. ISSN: 2663-0389.

[2-М]. Ҳакимов, М.А. Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ: самтҳо ва зарурати танзими он [Матн] / Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.А. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 3. – С. 139-145. ISSN: 2413-5151.

[3-М]. Ҳакимов, М.А. Иқтисоди сабз ва нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили экологӣ [Матн] / Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.А. Ҳакимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 1. – С. 68-81. ISSN: 2310-3957.

[4-М]. Ҳакимов, М.А. Нақши соҳибкории иҷтимоӣ дар рушди иқтисодиёт: ҷанбаи назариявӣ [Матн] / М.А. Ҳакимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – С. 227-233. ISSN: 2663-0389.

[5-М]. Ҳакимов, М.А. Таҷрибаи хориҷии рушди соҳибкории иҷтимоӣ [Матн] / М.А. Ҳакимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – С. 182-188. ISSN: 2663-0389.

[6-М]. Ҳакимов, М.А. Фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун воситаи шуғлнокии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд [Матн] / М.А. Ҳакимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – С. 262-272. ISSN: 2663-0389.

[7-М]. Ҳакимов, М.А. Нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҷалби занон ба фазои иқтисодии ҷомеа [Матн] / М.А. Ҳакимов, М.Ч. Буриева // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – С. 41-48. ISSN: 2663-0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Ҳакимов, М.А. Танзими давлатии соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Ҳакимов // Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар: Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ ба ифтихори ҷашни 25-солагии Ваҳдати миллӣ, ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гаштани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат". – 2022. - С. 394-400.

[9-М]. Хакимов, М.А. Экономическая сущность деятельности некоммерческих организаций как формы социального предпринимательства [Текст] / М.А. Хакимов // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане: Материалы международной научно-практической конференции, (Душанбе, 17 февраля 2023 года). – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 355-359.

[10-М]. Ҳакимов, М.А. Хусусиятҳои иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ [Матн] / М.А. Ҳакимов, К.Г.Якубова // Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба Солҳои рушди саноат (2022-2026) (06.05.2023). –2023. - С. 130-135.

[11-М]. Ҳакимов, М.А. Таҷрибаи байналмилалии рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ [Матн] / М.А.Ҳакимов, А.Н. Атоев //Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. - 2023. - № 2 (14). - С. 247-253. ISSN: 3078-3402

[12-М]. Хакимов, М.А. Теоретические аспекты социальных инвестиций в повышении качества жизни населения [Текст] / К.Г. Якубова, М.А. Хакимов// Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений: Материалы международной научно-практической конференции, (г.Душанбе, 26.11.2021г.). – 2021. - С. 373-376.

[13-М]. Ҳакимзода, М. А. Таҳқиқи саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар иқтисодиёт [Матн] / М. А. Ҳакимзода // Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ: Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, Душанбе, 30 ноябри слли 2024. – Душанбе: ДДМИТ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024. – С. 287-291.

[14-М]. Ҳакимзода М.А. ESG ва соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун омили рушди устувор [Матн] / М.А. Ҳакимзода // Муаммоҳо ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ: Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 25-уми апрели соли 2025). - Душанбе: ДДМИТ, 2025. - С. 122-126.

[15-М]. Ҳакимзода М.А. Соҳибкории фарогир: моҳият ва хусусиятҳои он [Матн] / М.А. Ҳакимзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Пули миллӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ДДМИТ, Душанбе 10-уми майи соли 2025. – С. 340-346.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Тақриз аз Досиев М.Н.-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат истифодаи нишондиҳандаҳои миқдории макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои арзёбии дақиқтари саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва коҳиши таҳдидҳои иҷтимоӣ нокифоя ба назар мерасад.

2. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти ҷорӣ намудани механизмҳои рақамии идоракунӣ дар фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва мутобиқсозии онҳо ба хусусиятҳои миллии кишвар натиҷаи хуб медод.

**2. Тақриз аз Каримов Б. Ҳ. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедари баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ бо чунин эродҳо;

1. Барои инъикоси ҳамаҷонибаи паҳлуҳои институтсионалии амнияти иқтисодӣ, таҳлили механизмҳои ҳамкории байнисоҳавӣ дар қолаби «давлат - ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ - бахши хусусӣ» густариш дода мешуд.

2. Сенарияҳои дурнамои рушди амнияти иқтисодӣ бо назардошти дигаргуниҳои демографӣ, тағйирёбии ҷараёнҳои муҳоҷират ва гузариш ба амсилаи иқтисоди сабз таҳия ва таҳлил карда мешуданд.

**3. Тақриз аз Мирзоалиев А.А. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Методикаи мушаххаси арзёбии «самаранокии иҷтимоӣ» ва таъсири миқдории ин фаъолият ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии амнияти миллӣ, барои дар рақамҳои мушаххас ифода кардани саҳми воқеии бахши ғайритиҷоратӣ мусоидат мекард.

2. Муаллиф ба баҳисобгирии хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва минтақавӣ ҳангоми дастгирии ташкилотҳои мазкур ишора намудааст, вале дар автореферат механизмҳои мушаххаси ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории иҷтимоиро дар ноҳияҳои дурдаст наовардааст.

**4. Тақриз аз Акилҷанов Ф. Ш.** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёи байналмилалии МДТ “Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” бо чунин эрод:

1.Чуноне дида мешавад, таҳқиқот дар нуқтаи ҳамбастагии чанд самти илмӣ, яъне мултидистсиплинарӣ иҷро гардидааст ва ин, яке аз тамоюлҳои возеҳи илми иқтисодиёт дар замон муосир мебошад. Барои ҳамин, таъсири фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба нишондиҳандаҳои рушди шуғлнокии аҳолӣ, ҷалби занон ва маъюбон ба фазои иқтисодӣ бояд мушаххас зикр мегардид.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаи барасишаванда, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи илмие*** пешниҳод ва асоснок карда шудааст, ки дар шароити иқтисоди рушдёбанда таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди фарогир танҳо бо такя ба механизмҳои давлатӣ имконнопазир буда, тақозо менамояд, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шарики стратегии давлат эътироф ва иқтидори онҳо таҳким бахшида шавад, зеро маҳз ин ташкилотҳо бо истифода аз чандирӣ, наздикӣ ба табақаҳои ниёзманд ва усулҳои таъсиррасонии инфиродӣ метавонанд холигоҳҳои низоми давлатиро пур кунанд, ба шарте ки фаъолияти парокандаи онҳо ба як низоми ягона, муназзам ва мураттаби идоракунӣ табдил дода шавад.

- ***исбот шудааст, ки*** такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта ба ташаккули муҳити инноватсионӣ, ҷалби сармоя ба соҳаҳои аҳаммияти иҷтимоидошта ва дар ин замина, ба таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Нақши назарраси ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар тавассути ҳалли масоили иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла: 1) ташкили ҷойҳои корӣ дар доираи барномаи шуғли фарогир; 2) фарогирии гендерӣ; 3) коҳиши муҳоҷират ва фирори мағзҳо; 4) тавсеаи иқтисодиёти сабз;

5) муттаҳиднамоии ҳадафҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои бозорӣ нишон дода шудааст.

- ***роҳҳои такмили*** низоми идоракунии ташкилотҳои гайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта бо мақсади тақвият бахшидан ба амнияти иқтисодӣ муайян карда шуда, зарурати тавсеаи консепсияи амнияти иқтисодӣ бо ворид намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ асоснок карда шудаанд.

- ***тавсияҳои методии ташкили*** системаи арзёбӣ, усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунӣ ва равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои осебпазири иқтисодиёти миллӣ ***муайян ва асоснок*** карда шудаанд, ки барои фаъолгардонии самти соҳибкории иҷтимоӣ дар кори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, дар ниҳояти кор, ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

- ***омилҳои таҳкими амнияти иқтисодии*** Тоҷикистон ошкор ва асоснок карда шудаанд: а) фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини шуғл ва суботи иқтисодии маъюбон; б) низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ; в) саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баланд бардоштани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо; г) нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва рушди иқтисоди сабз.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- муқаррароти асосии кор ба такмили ҷанбаҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ бо дарназардошти нақш ва аҳаммияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ такя мекунад: 1) Муаллиф асоснок менамояд, ки амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир на танҳо ҳамчун ҳолати устувории иқтисодӣ, балки ҳамчун раванди динамикии бисёрсатҳа баррасӣ мегардад, ки ба сатҳи рушди институтсионалӣ, самаранокии идоракунӣ ва фаъолнокии субъектҳои иҷтимоию иқтисодӣ вобастагии мустақим дорад; 2) Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун унсури муҳими низоми иқтисодӣ баромад намуда, тавассути ҳалли мушкилоти иҷтимоию экологӣ, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва рушди соҳибкории иҷтимоӣ ба таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

- ***исбот шудааст, ки:*** А) Идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ зарур буда, татбиқи маҷмуи усулҳои идоракунии дар диссертатсия зикршудаи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ имкон медиҳад ки самаранокии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва кам кардани хавфҳо

афзоиш ёбад. Б) Такмили қонунгузории амалкунанда дар самти соҳибкории иҷтимоӣ барои рушди ташаббусҳои инноватсионӣ ва устувории фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ шароити мусоиди институтсионалӣ фароҳам меоварад. В) Инкишофи ҳамкорӣ миёни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба баланд бардоштани эътимод, зиёд шудани чорабиниҳои иҷтимоӣ ва ташкили инфрасохтору шароити мусоиди корӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ, таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи пешниҳодкардаи муаллиф*** аз он иборат аст, ки таҳкими иқтидори идоракунӣ ва ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, бахусус тавассути рушди соҳибкории иҷтимоӣ ва шарикии стратегӣ бо давлат, унсури калидии таъмини амнияти иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ буда, имкон медиҳад, ки бо истифода аз чандирии ин ташкилотҳо мушкилоти гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занон ва ниёзмандон, ба таври муназзам ҳал гардида, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар коҳиш дода шавад.

***- самтҳои афзалиятноки*** баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва тақвияти нақши онҳо таҳия ва пешниҳод шудааст: а) такмили фаъолияти сохторҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ; б) таҳия ва татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои рушди устувор бо дарназардошти таҳдидҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; в) истифодаи усулҳои муосири мониторинг ва арзёбии самаранокии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси равишҳои комплексӣ (институтсионалӣ, системавӣ ва арзёбии самараи таъсир), ки имкон медиҳад фаъолияти чунин ташкилотҳо ба таври низомнок таҳлил шавад; г) пурратар намудани нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ бо ворид кардани нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти иқтисодӣ; д) таъмини истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади баланд бардоштани саҳми онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ.

***- методикаи ҳамгироии истифодабарии*** маҷмуи усулҳои мукаммалгардонӣ ***ҳамчун механизми ягона*** дар низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ ***таҳия ва пешниҳод шудааст***, ки фароғири усулҳои: а) иқтисодӣ (имтиёзҳо, субсидияҳо, грантҳо ва имтиёзҳои андозию қарзӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии ТҒТ дар бахшҳои иҷтимоӣ); б) ҳуқуқэҷодкунӣ (ворид намудани тағйироти дахлдор дар санадҳои амалкунандаи соҳа); в) ташкилӣ (фароҳамсозии инфрасохтори дахлдор, тақвияти барномаҳои шуғли

фарогир, роҳандозии ҳамкории давлат бо ташкилотҳои гайритиҷоратӣ) ва г) иҷтимоӣ (бунёди инфрасохтор ва шароити мусоиди корӣ барои табақаҳои осебпазир, баланд бардоштани сатҳи огоҳии корфармоён, ташаккули фарҳанги корпоративӣ ва густариши масъулияти иҷтимоии бизнес) мебошад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Амнияти иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти меҳнат» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 19.09.2025, №5**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***фарзияи илмии*** пешниҳодшуда тасдиқи худро ёфтааст, ки омӯзиш, таҳқиқи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва такмили низоми идоракунии онҳо дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазир метавонад дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, паст кардани шиддати мушкилоти иҷтимоии ҷойдошта, аз ҷумла ҷалби қишри осебпазири ҷомеа ба муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ дар кишвар, мусоидат намояд.

- ***стратегияи ҳамгироии муназзами*** ташкилотҳои гайритиҷоратӣ ба сохтори амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳия шудааст,** ки он аз тариқи эътирофи ташкилотҳои мазкур ҳамчун субъектҳои калидии стратегияҳои шуғл ва рушди минтақавӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои хариди иҷтимоии давлатӣ ва фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ барои соҳибкории иҷтимоӣ амалӣ мегардад ва тавассути ду гурӯҳи фишангҳо - дастгирии мустақими молиявию андозӣ ва таҳкими институтсионалии малакаҳои машваратӣ - гузариш аз **модели хайриявиро** ба **модели шарикии стратегии давлату ҷомеа барои таъмини суботи иқтисодӣ** таъмин менамояд.

- ***пешниҳод ва асоснок шудааст:*** 1) низоми такмилёфтаи идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки татбиқи он ба густариши консепсияи амнияти иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иҷтимоӣ, инчунин мусоидат ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию экологӣ заминаи мусоид фароҳам меорад; 2) зарурати ташаккул ва рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, роҳҳои баланд бардоштани нақши онҳо дар дастгирии гурӯҳҳои осебпазир, беҳтарсозии муҳити иҷтимоӣ ва таҳкими устувории иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод шудаанд; 3) тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таҳия гардидаанд, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, тақвияти сатҳи амнияти иқтисодӣ, истифодаи самараноки захираҳо, густариши ҳамкории институтсионалӣ ва тақвияти устувории иҷтимоию иқтисодӣ равона шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи таъмини амнияти иқтисодӣ*** бо таҳқиқи амиқи таълифоти олимони хориҷию ватанӣ оид ба фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва аҳаммияти онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодӣ, дар заминаи фаъолият дар бахшҳои иҷтимоии осебпазир, аз қабили ташкили фаъолияти меҳнатии маъюбон, муҳоҷирати меҳнатии муташаккил ва ҷалби занон ба фазои иқтисодӣ, инчунин ҳалли масоили экологӣ ва тавсеаи иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ, ба таври кофӣ асоснокшуда ва муътамад маҳсуб меёбад.

- ***равиши комплексии дорои се ҷанбаи таркибӣ*** - институтсионалӣ, системавӣ, самараи таъсир (impact assessment) дар масоили таҳкими амнияти иқтисодии кишвар ва муайян намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоии ҳадди ақали амнияти мазкур асоснок ва манзур шудааст, ки аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз қабили сатҳи бекорӣ, фарогирӣ бо шуғл, шохиси рушди инсон, дараҷаи камбизоатӣ, бо баинобатгирии тағйирёбии онҳо дар асоси мукаммалнамоии раванди идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта иборат мебошанд.

- ***усулҳои*** дарки илмӣ, ба монанди гурӯҳбандӣ, баҳодиҳии сифатию миқдорӣ, таҳлили қиёсӣ ва ғайра истифода гардидаанд. Истифодаи ин абзорҳои методологӣ имкон фароҳам овард, ки равандҳои таҳқиқшаванда аз ҷанбаҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифта, хулосаҳои илмӣ боэътимод ва асоснок таҳия карда шаванд. Ҳамзамон, татбиқи пайвастаи усулҳои зикршуда ба муайянсозии қонуниятҳо, арзёбии ҳолати воқеӣ ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ мусоидат намуд.

- ***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва микдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сатҳи онро 82,36% ва 91,8% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот: 1)** Муаллиф консепсияи таҳкими бисёрсатҳавии амнияти иқтисодиро таҳия намуда, онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст, ки дар доираи он фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронидашуда ҳамчун воситаи муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ҳам дар сатҳи шахсият ва ҳам дар сатҳи ҷомеа баррасӣ мегардад; 2) Дар диссертатсия бори аввал робитаи мустақим миёни сатҳи амнияти иқтисодӣ ва сифати идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун низоми субъектҳои фаъоли иқтисодӣ муайян ва ба таври илмӣ собит карда шудааст; 3) тамоми марҳилаҳои таҳқиқот аз интихоби мавзуи илмӣ, муайянсозии вазифаҳо, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти

оморӣ, таҳлили адабиёти илмии соҳавӣ то таҳияи матни пурраи диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудаанд; 4) дар омода намудани 15 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии таъмини амнияти иқтисодӣ бо ворид кардани муқаррароти нави илмӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1. 3. 5, 6-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) мувофиқат мекунад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-109 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 21.042026 қарори сазовор донистани Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 –Амнияти иқтисодӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 12 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: «Тарафдор» - 12 нафар; «Муқобил» – нест, «Бетараф» - нест, «Бюллетенҳои беэътибор» –нест.

**Раиси**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Ш. Раҳимзода**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Х.Қ. Юнусзода**
**21.04.2026 с.**